**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З.С. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06.04. 2024, суратмаҷлиси № 68а таъсис дода шудааст, диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадовичро дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. **Муҳимияти мавзуи таҳиқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Холов Абдулҳамид Мирзомадовичро дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), мубрам ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расидашудаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Муҳиммияти таҳқиқот аз ҳадафи чоруми СМТ ҶТ барои давраи то соли 2030 бармеояд. Яъне саноатикунонии босуръати кишвар ва ба истеҳсолоти саноативу аграрӣ табдил додани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар навбати худ таъмини босуръату босуботи раванди сармоягузориҳо, махсусан сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои агросаноатиро тақозо дорад. Новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомдодашуда дар самти сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои агросаноатӣ ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар масоили ҳалталаб аз қабили таҳқиқи механизмҳо, фишангҳо, самтҳо, роҳҳо, ҷустуҷӯйи сарчашмаҳо, методҳои муосири сармоягузориҳо, дастгирии

давлатии фаъолияти сармоягузорӣ, истифодаи таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар самти таъмини сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои КАС, сармоягузории технологияи инноватсионӣ, усулҳои арзёбии самаранокии онҳо дар корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ ҳанӯз аз масъалаҳое мебошанд, ки таҳқиқоти амиқу дақиқро тақозо доранд. Масоили номбурда дар сатҳи зарурии илмию методологӣ ҳал нашуда ва таҳия шудани моногрфияҳоро оид ба таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии КАС тақозо менамоянд, ки аҳаммият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқотии рисоларо муайян намудаанд.

Дар рисолаи илмӣ дар амал тадбиқ гардидани ҳамин фарзия дар мисоли рушди раванди сармоягузориҳо ба соҳаҳои истеҳсолоти КАС таҳқиқу таҳлил гардидааст. Инчунин, фарзияи номбурда ва тамоюлҳои фаъолии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон бо мисолҳои мушаххас дар давраи солҳои 2017-2021 исбот шуда, натиҷагирию хулосабарорӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, амали шудани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот воқеияти фарзияи номбурдаро исбот намуда, барои давра ба давра баҳогузорӣ намудани он мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар маҷлиси муштараки кафедраҳои иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва молия ва суғурта муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулосаи дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабулгардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи молия, сармоягузорӣ ва саноатикунонӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021,

тахти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, тахти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 8,4 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла, 4,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф мебошад) ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Холов А.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иқтибос ба расмият даровoрда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Асолати матни автореферати диссертатсия 92,9 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровaрда шуданд.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Холов А.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) ва бандҳои 67, 69, 74-75, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шурои диссертасионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

- Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- Сафоев Абдумаҷид Каримович - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Якубзода Маъруф Садруддин - н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

- Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** муқаррар карда шавад.

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Султонов З.С.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Ҳикматов У.С.**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Шарифзода Б.М.**